СУРАТҶАЛАСАИ №167

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

аз 23 н ябри соли 2026

Иштирок кард: Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда 16 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Гулмадов Ф., Иззатова М.И., Каримзода М.Б, Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 3 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМА

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

ШУНИДА ШУД:

Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ д.и.п., Гулмадов Ф., н.и.п. дотсеент Рамазонова Р.С., н.и.п., дотсент Шарифиён М.Х. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Файзализода Ҷумахон Хол** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, сарходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Раҳмонов Абдусатор Абдуразоқович** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таъин карда шаванд.

Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

2. Рӯзи ҳимоя 12 январи соли 2027 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.